Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Дастурамали истифодаи барномаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил барои планшет

Варианти санҷишӣ 27.08.2020

**Душанбе – 2020**

**Доираи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ бо истифода аз планшет**

**Бо воситаи планшет барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил асосан дар шаҳрҳои калон, шаҳракҳо ва маркази ноҳияҳои калон гузаронида мешавад. Тибқи нақша ин амал аз 6 то 15 октябри соли 2020 ба нақша гирифта шудааст, дар ҳолатҳои зарурӣ ҳисобчиён метавонанд, пеш аз муҳлат ба ин кор шуруъ намоянд.**

## Тартиби истифодаи барнома

1. Равзанаи асосии барнома аз 3 менюи асосӣ ва 3 менюи иловагӣ иборат мебошад.
2. Барои авторизатсия кардани истифодабаранда аз менюи иловагӣ пункти «**Танзим**»-ро интихоб карда, аз он менюи «истифодабаранда»-ро интихоб кардан лозимаст.
3. Дар равзанаи ҳосилшуда **Логин** ва **Парол**-ро дохил карда тугмаи «**Авторизатсия**» -ро пахш карда, интизор шудан лозим аст, то ки аз сервери маркази ҳамаи маълумотҳои лозимиро дастрас кунад.









1. Барои иваз кардани забони кори барнома аз менюи иловагӣ пункти «Язык»-ро интихоб кардан лозим аст.
2. Барои оғози пурсиш аз менюи асосӣ пункти Рӯйхати биноҳо-ро интихоб кардан лозим аст, ки дар натиҷа биноҳое, ки дар давраи тартибдиҳии нақшаи ташкилӣ ба ҳисобчии мазкур вобаста шуда буд, пайдо мешавад.
3. Дар қисми болоии он «Филтр» мавҷуд аст, ки бо истифода аз он рӯйхати биноҳоро аз рӯи ҳолати биноҳо танзим кардан мумкин аст.









1. Баъди интихоби бино, рӯйхати истиқоматкунандагон пайдо мешавад, ки бо истифода аз тугмаи «Ҳамроҳкунии аъзои хонавода» равзанаи ҳамроҳкунӣ пайдо мешавад.
2. Дар ин равзана баъди дохил кардани ному насаби истиқоматкунанда, бо пахш кардани тугмаи «Ҳамроҳкунии аъзои хонавода» онро ба рӯйхати истиқоматкунандагон ҳамроҳ мекунем.
3. Дар натиҷа аъзои хонавода бо ранги сурх пайдо мешавад ва ин гувоҳӣ медиҳад, ки ҳоло саволномаи шахсӣ пур карда нашудааст.









1. Бо истифода аз тугмаи «Ҳамроҳкунии хонаводаи нав», аъзои якуми хонаводаи навро ҳамроҳ кардан мумкин аст.
2. Баъди пурра шудани рӯйхати истиқоматкунандагон оғоз мекунем ба пуркунии саволномаҳои шахсӣ
3. Пуркунии саволномоҳо бо тугмаҳои аломатӣ ба қафо ва ба пеш идора карда мешавад.









1. Ҳамин тавр саволҳо пай дар пай пайдо мешавад. Барои дохилкунии санаи таваллуд аз тақвим истифода кардан мумкин аст, барои ин тугмаи «Кликните»-ро пахш кардан лозим аст.
2. Дар вақти дохилкунии маълумотҳои матни, маълумотҳо аз махзани маълумотҳо ба таври автомати пешниҳод карда мешаванд.
3. Агар савол дорои зерсавол бошад, вобаста ба интихоби ҷавоб ин ё он зер савол кушода ё маҳкам мешавад









Дар вақти ба охир расидани пурсиш, ранги сатри аъзои хонавода ранги сабзро мегирад ва гувоҳӣ медиҳад, ки маълумот бо муваффақият сабт шуд.






1. Баъди пурра шудани ҳамаи саволномаҳои шахсӣ (шакли 2) бояд ҳамаи сатрҳо ранги сабзро гиранд. Дар ҳолати пайдо шудани хатогиҳо мо бояд ҳамаи онҳоро ислоҳ кунем.

2. Баъди он метавонем ба пуркунии шакли 3 сар кунем. Саволҳои шакли 3 ҳам пай дар пай меоянд.









1. Азбаски саволҳои 5-7 шакли 3 ба ҳар як хонавода пешниҳод карда мешавад, дар як вақт дар экран савол барои ҳар як хонавода пешниҳод карда мешавад. Барои фаҳмо шудан ранги хонаводаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.
2. Баъди бомуваффақият сабт кардани шакли ранги тугмаи он бояд сабз шавад.
3. Дар натиҷа мо метавонем барои пуркунии шакли 4 – Фонди манзил сар кунем.









1. Саволҳои шакли 4 ҳам бо навбат пайдарпай пайдо мешаванд.
2. Дар натиҷа ранги тугмаи шакли 4 ҳам сабз шуда пурсиш дар ин бино баохир мерасад.
3. Агар пурсиши бино пурра ба анҷом расида бошад, ранги сатри он дар рӯйхати биноҳо сабз мешавад ва агар пурсиши бино сар карда шуда бошаду, лекин пурра ба анҷом нарасида бошад, ранги он зард мешавад









1. Дар ҳолати холи будани бино, бояд бинои мазкурро кушода аз менюи иловагии он яке аз варианти муносибро интихоб кардан лозим аст.
2. Дар натиҷа барнома аз мо дурустии интихоби моро мепурсад.
3. Баъди тасдиқи интихоби мо бинои мазкур ранги сурхро соҳиб мешавад. Ин аз он гувоҳи медиҳад, ки хонаи мазкур холи аст ё хонаро ҳисобчӣ ёфта натавонист ё ин ки хона вайрон карда шудааст.









Дар вақти пахши дуру дарози бино равзанаи шакли 1М, яъне рӯйхати истиқоматкунандагони муваққатии шаҳрвандони хориҷӣ ҳосил мешавад, ки бо истифода аз он мо метавонем барои ҳамаи шахсони хориҷи шакли 1М –ро пур кунем









1. Баъди пур кардани саволномаҳо мунтазам на кам аз 2 маротиба ҳар рӯз мо бояд маълумотҳоро ба сервери марказӣ равон кунем. Барои ин аз равзаи асосӣ менюи «**Фиристодани маълумотҳо**»-ро интихоб кардан лозим аст.
2. Аз равзанаи ҳосилшуда тугмаи «**Фиристодани маълумотҳо**»-ро пахш мекунем ва то охири интиқоли маълумотҳо интизор мешавем.
3. Баъди пурра ба охир расидани кори ҳисобчӣ, пеш аз қабули планшет бояд кори ҳисобчӣ махкам карда шавад. Яъне ҳар маълумотҳое, ки то пахш кардани тугмаи махкамкунӣ фиристода шуда буданд, маълумоти фаврӣ буда, маълумотҳои ниҳоӣ фақат баъди махкамкунӣ аниқ мешаванд.







